Тақризи

Роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Саодати Раҳмоналӣ дар мавзӯи «Тарбияи ҳисси ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (дар мисоли ашъори адибони ҳавзаи адабии Кӯлоб)» аз рӯи ихтисоси 13.00.05- Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03.– Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ)

Таҳқиқоти Саодати Раҳмоналӣ ба яке аз масъалаҳои муҳими рушд ва ташаккули охлоқӣ, ватандӯстӣ, ифтихори миллии ҷавонон бахшида шудааст. Муҳимияти масъала дар он зоҳир мегардад, ки истиқлоли сиёсати миллии Тоҷикистон ба манфиатҳои вокеии иқтисодиву иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, маърифатӣ, забонӣ, мазҳабӣ ва ниёзҳои миллатҳо ва мардумоне, ки дар ин сарзамин истиқомат доранд, гувоҳи густариши пояҳои демократии давлат мебошанд.

Саодати Раҳмоналӣ ҳанӯз аз давраи донишҷӯӣ худро ҳамчун шахси мустақил, шавқу завқи ба кори илмӣ машғул будан нишон дода тавонист. Дар давоми солҳои 2016-2022 вазъият ва ҳолати мавзӯъро ҳаматарафа омӯхта, маводи озмоишии ба даст овардашуда, хулосаҳои умумии таҳқиқотро таҳия карда, бо тавсияҳои технологӣ ва методӣ оид ба тарбияи ҳисси ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро дар мисоли адибони ҳавзаи Кӯлоб таҳия ва таҳлил карда тавонист. Дар асоси омӯзиши масъала аз сарчашмаҳои педагогикаи ҳозиразамон, фалсафа ва адабиёти педагогию психологӣ истифода намуд.

Дар асоси омӯзиши ҳаматарафаи ҳолати масъала мақсади омӯзиш, предмет ва объекти протсеси ташаккулёбии ғояҳои тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллиро муайян карда, таъсири мактаб ва оиларо дар ҳалли масъала динамика ва механизми инкишофро баррасӣ карда тавонист.

Дар асоси муайян кардани мақсади таҳқиқот вазифаҳои таҳқиқот муайян ва моҳияти раванди ташаккулёбии сифатҳои ахлоқии хонандагон, сохтори рисолаи илмӣ, меъёрҳои асосии тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар ашъори адибони ҳавзаи Кӯлоб махсусан: Ашӯр Сафар, Ҳақназар Ғоиб, Саидҷон Ҳакимзода, ва Сайдалӣ Ализода муайян карда шуданд.

Ҳангоми муайян кардани навгониҳои таҳқиқот Саодати Раҳмоналӣ ҳама паҳлуҳои масъаларо ба ҳисоб гирифт, аммо ба механизми ташаккули тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллии хонандагон дар ҷараёни таълими муассисаҳои таълимӣ дар заминаи назарияи гузаронида шуд. Дар марҳила сеюм (2020-2022) маводи озмоишии ба даст оварда шуда, хулосаҳои асосии таҳқиқот таҳия ва баррасӣ карда шуданд.

Барои ҳалли ин масъалаҳо Саодати Раҳмоналӣ комплекси методҳои илмӣ- мушоҳида, суҳбат, омӯзиши чуқури осори адибони ҳавзаи Кӯлоб истифода намуд.

Рисолаи илмӣ-таҳқиқотӣ дар 3 марҳила: марҳилаи аввал солҳои (2016-2017), вазъи рушди масъалаи омӯхташуда, дар адабиёти фалсафӣ, таърихӣ, ҷомеашиносӣ, психологӣ, фарҳангӣ, этнологӣ, педагогӣ, таҳлили сарчашмаҳои илмӣ гузаронида шуд. Марҳилаи дуюм солҳои (2018-2019) дар ин давра нишондиҳандаҳо ва паҳлуҳои омодасозии хонандагони МТМУ ба воситаи ташаккули гояҳои тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар ашъори адибони ҳавзаи Кӯлоб муайян ва аниқ карда шуданд. (2019-2022) дар марҳилаи мазкур маълумоти таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ (эмпирикӣ)-и маводи таҳқиқот ҷамъбаст ва натиҷаҳои ҳосилгардида, мушаххасу муайян кардани роҳҳои самараноки омодасозии хонандагони МТМУ таҳлили худро ёфтанд. Натиҷаҳо ҷамъоварӣ ва маводҳо дар шакли рисола таҳия ва тавсиф шудаанд. Дар интиҳо замимаи маълумоти илмии гирифташуда пешниҳод карда шуд.

Сохтори диссертатсия аз ду боб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда (261) номгӯй иборат аст. Диссертатсия аз 192 саҳифаи андозаи А4 мураттаб гардидааст.

Боби аввал бо унвони «Асосҳои назариявии тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ» номгӯзорӣ шуда, таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ, ки мазмуни ҷузъҳои тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллиро ба самтҳои он ба таври мувофиқ карда шудааст. Бояд тазаккур дод, ки муҳимтарин нуқта дар эҷодиёти адибони ҳавзаи адабии Кӯлоб манбаъҳои ибратбахши ватандӯстӣ, худшиносӣ, худогоҳӣ, ваҳдат ва баёни ҳадафҳои муҳимтарини миллӣ мебошад, ки ин ҷиҳат асли осори онҳоро ба мероси гаронбаҳои миллӣ ворид сохтааст.

Дар боби дуюм, ки «Таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишӣ оид ба тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар хонандагон бо истифода аз ашъори адибон» бо назардошти сарчашмаҳои назариявӣ, натиҷаҳои ба даст омада ва андешаҳои педагогии адибони шинохтаи ҳавзаи Кӯлоб (Ашӯр Сафар, Ҳақназар Ғоиб, Саидҷон Ҳакимзода) ҷиҳати ташаккули тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ, худшиносӣ, инкишофи ҳамаҷонибаи инсон дар таълим ва тарбияи хонандагону донишҷӯён ҳаллу баррасӣ гардидаанд.

Саодати Раҳмоналӣ бо вазифаҳои асосии таҳқиқот, иҷроиши онҳо ба хубӣ баромада тавонист. Дар кор кӯшиш кардааст, ки ба моҳияти масъала сарфаҳм равад. Мафҳуми асосии ватандӯстӣ, ифтихори миллӣ, худогоҳии миллӣ, фикуру андешаҳои адибони ҳавзаи Кӯлобро кушода таҳлил намояд.

Хулосаи умумии кор ҳамаи паҳлуҳои рисолаи илмиро дар бар гирифта, пешниҳодҳо ва тавсияҳои судмандро барои дар оянда чӣ бояд кард пешниҳод шудаанд.

Аз рӯи ин масъалама водҳои чопӣ таҳия карда шуда, нуктаҳои асосии таҳқиқот инъикос ёфтаанд.

Ҳамчун роҳбари илмӣ ҳисоб мекунам, ки Саодати Раҳмоналӣ вазифаҳои дар пеш гузоштаашро дуруст иҷро намудааст. Мундариҷаи кор далолат менамояд, ки масъалаҳои муҳиме, ки диссертант ба миён

гузоштааст, дар оянда ба рушди илмҳои педагогӣ ва психологӣ аҳамияти хуби илмӣ доранд.

Ҳамчун муаллими мактаби олӣ, корманди илмӣ, ҷамъиятчии фаъол, тарбиядиҳанда, иҷрои кор Саодати Раҳмоналӣ барои ноил шудан ба дараҷаи номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.05- Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03.– Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ)
пурра арзанда мебошад.

Роҳбари илмӣ,
номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти
кафдраи умумидонишгоҳии педагогикаи
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи
Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ: Г. Иброҳимов

Сурога: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, маҳаллаи Ш. Шоҳин 37/36
Тел: (+992) 987-15-14-15
Веб. Сайт: www. Kgu.tj; E mail: kgu rector @mail.ru

*Имзоҳои роҳбари илмӣ н.и.п. Иброҳимов Г.-ро тасдиқ менамоям.*

Сардори РК ва КМ
ДДК ба номи А.Рӯдакӣ Амиров Ф.А.